**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Тоҷидинзода Парвина дар мавзуи «Вижагиҳои ибораҳои номӣ дар насри мусаҷҷаъ (дар заминаи осори Абдуллоҳи Ансорӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 - Забони тоҷикӣ).**

Муҳимтарин масъалаҳои забоншиносӣ ва воҳидҳои онро метавон аз шоҳасарҳои назмӣ ва насрии адабиёт ва махсусан адабиёти классикӣ дарёфт намуд. Дар ҳақиқат ҳам осори назмиву насрии шоирони классикӣ аҳаммияти хосе доранд дар офаридани воҳидҳои грамматикиву луғавии забон. Махсусан омӯзиши ибора метавонад ба паҳлуҳои гуногуни осори шоирон алоқаманд бошад. Таҳлилу баррасии воҳидҳои забонӣ ва услубии осори адабиёти классикӣ, яке аз масъалаҳои муҳим дар илми забоншиносии тоҷик ҳисобида мешавад, зеро бо таҳлилҳои муфассали осори назмӣ ва насрӣ мо метавонем хусусиятҳои илми забоншиносии тоҷикро муайян намуда инкишоф диҳем.

Дар рафти мутолеаи автореферат муайян гардид, ки муҳаққиқ муқаддимаи онро тибқи талабот омода намудааст. Тамоми бахшҳои муқаддима масъалаҳои марбут ба мавзуи диссертатсияро баррасӣ менамоянд, ки ин маҳорати муқақиқро нишон медиҳад.

Вазифаҳои асосии диссертатсия вобаста ба якчанд масъалаҳои муҳиму мубрам мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Диссертатсияи мазкур дар забоншиносии тоҷик нахустин таҳқиқи илмӣ оид ба «Расоили форсӣ»-и Абдуллоҳи Ансорӣ буда, асосан, қолабҳои ибораоройӣ, навпардозиҳои Абдуллоҳи Ансорӣ, арзишҳои адабию ирфонӣ, забону услуби эҷодӣ ва мавқеи ибора дар қиссаву ҳикояҳои таъсирбахш бори аввал ба баррасии муфассал фаро гирифта шудаанд. Илова бар ин, дар диссертатсия сохтори грамматикии ибораҳои номӣ баррасӣ гардидааст.

Мақсад ва вазифаҳо бо сохтори диссертатсия созгор буда, диссертатсия аз муқаддима 3 боб, ки дар навбати худ ҳамаи онҳо бо фаслҳои алоҳида ҷудо гардидаанд, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Дар **муқаддима** муҳаққиқ муаррифии диссертатсияи худро ба асоснок кардани мубрамии мавзуи тадқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет, асосҳои назарӣ, асосҳои методологӣ, сарчашмаҳо ва навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба роҳ монда, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқро мушаххасан муқаррар менамояд.

Боби аввали диссертатсия **"Вижагиҳои ибораҳои номӣ ва мавқеи он дар насри мусаҷҷаъ"** унвон дорад. Дар боби мазкур сухан дар бораи масъалаи омӯзиш ва таҳқиқи ибора меравад, ки яке аз муҳимтарин қисмати забоншиносӣ ҳисобида мешавад. Қонун ва қоидаҳои асосии ибораро дар ҷумла, инчунин, алоқаи байни онҳо низ бевосита дар боби мазкур мавриди пажӯҳиш қарор гирифтаанд.

Боби дуюми диссертатсия **«Вижагиҳои корбурди ибораҳои номӣ дар "Расоили форсӣ"-и Абдуллоҳи Ансорӣ»** унвон дошта, масъалаҳои корбурд ва мавқеи истифода гардидани ибораҳо дар матнҳои рисолаҳои Абдуллоҳи Ансорӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар **хулоса** натиҷаҳои асосии таҳқиқи диссертатсионӣ дар 12 банди ҷамъбаст шуда, хеле дақиқу равшан оварда шудаанд, ки чунин муносибат аз дақиқияти заҳмати илмии муҳаққиқ дарак медиҳад.

Тавсияҳо ва хулосаҳои диссертатсияи Тоҷидинзода Парвина эътимоднок ва арзишманд буда, дар забоншиносӣ ва хоса самти иборашиносӣ барои муҳаққиқони оянда метавонад ҳамчун маводи арзишманди илми пешкаш гардад. Дар баробари дастовардҳои назаррас, дар фишурдаи диссертатсия чанд камбудӣ ба мушоҳида мерасад, ки ислоҳи онҳо ҳусну марғубияти корро боз ҳам болотар мебардорад:

1. Дар матни фишурда хатоҳои техникӣ ва имлоӣ гоҳ-гоҳ ба мушоҳида мерасад, ки ислоҳи онҳо ба манфияти кор хоҳад буд;
2. Дар ҷобаҷогузории феҳристи адабиёти истифодашуда баъзе камбуду норасоиҳо ва ғалатҳои техникӣ ҷой дорад.

Эродҳои мазкур ҷузъи буда ба арзиши илмии кор таъсири манфӣ намерасонанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Тоҷидинзода Парвина дар мавзуи «Вижагиҳои ибораҳои номӣ дар насри мусаҷҷаъ (дар заминаи осори Абдуллоҳи Ансорӣ)» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 - Забони тоҷикӣ) мебошад.

**Муқарриз**

номзади илмҳои филологӣ,
дотсент, мудири кафедраи
педагогика, психология ва
методикаи таълими ДҶТИБКСМ Шердилова Сурайё Фармонбековна

Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев 24/3
Тел.:902688884

Имзои С.Ф. Шердиловаро
тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо
ва котиботи ДҶТИБКСМ Ҳабибзода Манучеҳр

Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, к. Нисор Муҳаммад 15,
тел.: +992 37 223-12-90,
факс: +992 37 227-19-27;
Сомона: http://takmili-ihtisos.tj

«15» 05 соли 2025